*Коммунизм учун, 1959,*
*31 июль, N 91 (2018).*

# Ҳикоя - Мактуб

*Падарро ҳирс дону нафс - модар*
*Маранҷон ин ду касро, бародар!"*
(Носир Хисрав)

- Хонандаи кироми̅!

Мактубе ба табъи шумо мерасад, ки онро як нафар студенти донишгоҳи олии мамлакатамон ба унвони модари худ навиштааст. Ин мактуб як ҷузъи ҳодисоти реалии ҳаёти̅ буда, мағзи асосии ҳикояи моро таркиб мебандад. Гумонбар нашавед, ки ҳодисаи зикршуда натиҷаи хаёлоти бофтаи бадеи̅ бошад. Не мисоли чунин ҳодиса, ҳоло ҳам дар ҳаёти мо, мутаассифона, боқи̅ мондааст. Беҳтар ин, ки ба диққати худи хонанда мактубро бе шарҳу мулоҳиза расонем.

“ - Модарҷон! Модари меҳрубонам!!!

Шодам, ки имрӯз аз шумо мактуб гирифтам ва ҷавоби онро менависам. Ҳангоме ки аз имтиҳони “Таърихи КПСС” , “аъло” гирифта аз дар берун шудам, рафиқон ҳамсинфонам атрофамро печонида табрикам менамуданд, як нафар ҳамсинфам номаеро нишон дода, рақс талабид... Нома - аз модар! Хушнудиямро ҳадду канор набуд. Охир мактуби модар! Чанд вақт боз хату хабаре набуд! Боз дар вақте ки ба баландтарин баҳо ва таҳсини устод - муаллим сазовор гаштаи̅ ... Метавони̅ имрӯз то бегоҳ шодию хурсанди̅ куни̅, дам гири̅, ба кино рави̅... Аммо... Мактубро кушода зуд ба он чашм давонидам: хатҳои сиёҳ-сиёҳ ва каҷу килеби шумо мисли корвони пурбори дар биёбон роҳ рафта истода аз пеши назарам гузаштанд... Ҳама ғайричашмдошт... Авзоям тағйир ёфт. Дӯстонам хотирпарешон шуданд, гуфтам ки ҳеҷ гап не, тинҷист, узрпурсон аз онҳо дур шудам. Дар синфи холие онро бори

дигар бодиққат хонда баромадам... Ба чашмонам боварием намеомад. Боз хондам... Вай маро маҷбур сохт, ки шодӣ ва фарохе, ки навакак дар оғӯши онон будам, таркашон кунам. Пайкарам ба ларза даромад, мӯйҳои баданам сих барин хестанд, дар ҷабинам арақ ҳувайдо гашт... Риштаҳои асаб гӯё пора-пора гардиданд. Ҳарчанд кӯшиш кардам - сарфаҳм рафта натавонистам, ки чӣ тарз иродаи поки модарии шумо дар хусуси ман ба чунин ақида ва хулосаҳои манфӣ омадааст.

Модарҷон! Меҳрубонам !!! Азизед!

Наранҷед, ки ман ба шумо чунин номаи ҷавобӣ навишта истодаам, асло гумон накунед, ки ман шуморо ранҷониданӣ бошам. Не ҳаргиз! Хоҳиш мекунам, ки наранҷед, хафа нашавед... Дар ҳаёт ҳар як чиз мешавад... гоҳ пастӣ ... гоҳ баландӣ. Баъзан хато мекунӣ, гоҳо комёбӣ туро мусаллам мегардад... Ба фикрам, шумо ҳам ҳоло дар ҳамон зинаҳои хато қадам гузошта истодаед... Ман ба шумо фаҳмониданӣ ҳастам, ки фикру ақидаҳои шумо нисбат ба ман ҳама ғалатанд. Азбаски ду сол инҷониб аз шумо дурам, бовариатон аз ман барҳам хӯрдааст, шакку шубҳаҳо боввариро фатҳ кардаанд...

Шумо ба фарзанди худ дурусттар сарфаҳм нарафтаед, хислатҳое, ки худи шумо дар вай офаридаед, фаромӯш кардаед.

Модарҷон!!!

Шумо навиштаед, ки “ту шарафи фарзандиро баҷо наовардӣ, гапамро нагирифтӣ, пириамро ҳурмат накардӣ, азобу машаққатҳои бепоён, ранҷу риёзатҳои кашидаи маро фаромӯш сохтӣ...” Боз гуфтаед “акнун дастат ба сарат мерасидагӣ шуд, модар дигар ба ту лозим нест..!”.

Модарҷон!!!

Оё дар ҳаққи фарзанд аз ин ҳам зиёдтар ҷазо хаст? Наход, ки ман сазовори чунин ҷазо бошам??..

На! То ҷон дорам - намегузорам, ки шарафи фарзандии ман поймол гардад! Ҳолати пирии шумо, азобу уқубат, ранҷу машаққатҳои аз сар гузаронидаи шумо дар роҳи тарбияи фарзандонатон аз назарам

як дам дур намешаванд. Манзараҳои мудҳиши давраи ҷангӣ, қаҳтӣ, гуруснагӣ ... Не, ҳаргиз инҳоро, шуморо фаромӯш намекунам.

Модарҷон!

Бифаҳмед, ки ман ҳоло наметавонам! Охир ман ба шумо фаҳмонда будам, ки бояд хонам. Дар мактаби олӣ хондани фарзандатон - орзуи шумо буд-ку! ... Не, ман ҳоло наметавонам! Бифаҳмед!.. Хонадоршавӣ - кори муҳимми ҳаётист. Дар чунин кори дорои аҳамияти бузург саросемагӣ чи ҳоҷат? ... Мефаҳмам, ки ба шумо ҳам душвор аст: пир шудаед, дар ҷунбуҷӯли рӯзгор кор намеоед ... Хайр, модарҷон, чӣ илоҷ? Боз каме тоқат кунед. Андак.

Шумо мехоҳед тӯи ман, бахту саодат ва хушнудии маро бубинед. Кӣ муқобили ин аст? Лекин ҳар як чиз вақту соат дорад.

Мегӯед: ки амакзодаам духтари хуб аст - боақлу фаросат, қобили ҳар кору меҳнат, соҳибҷамол ... Охир, модарҷон, ман ӯро дуст надошта бошам, аз ин чӣ фоида?! Аҷаб нест, ки ӯро ҷавоне дуст бошад, вай ҳам касеро ...

Модарҷон вакташ расид, ба мо ҳам ёфт мешудагист-дия! Хешу ақрабо бешумор-ку! Хеш набошад, бегона чӣ?!

Модарҷон!

Шумо мегӯед, ки ман гӯё дар Сталинобод хонадор шуда бошам. Инро ба шумо одамон гуфтаанд, кампирон бовар кунонидаанд. Аввал, дар вақти хондани мактуб, ин боиси ханда шуд, вале ҳангоме ки мулоҳизаи масъала ҷомаи ҷиддият дар бар кард, як манзараи аҷибе ба пеши назар ҷилвагар шуд. Аҷабо! Ту дар донишгоҳи ватанат шабу рӯз машғули омӯхтан, илму ирфон аз худ кардан мебошию инро дар қишлоқат чигуна маънидод мекунанд!

Модарҷон! Ман умед надоштам, ки шумо - маҳз шумо ба чунин сафсатаи хаёлӣ бовар мекунед. Наход шумо, ки ба ман ҳақгӯӣ, ростқавлӣ, покдомонӣ, вафодорӣ ва мисоли инҳоро омӯхтед, ёдам додед, дар камоли некӯкорӣ, софдилӣ, хирадмандӣ тарбиятам кардед - ба чунин тӯҳмат бовар кунед? Асло дилам қарор намегирад.

Эҳтимоли қавӣ дорам, ки шуморо аз роҳ задаанд, фикрҳои ношоиста ва ақидаҳои ношоями худро қабул кунондаанд... Сад афсӯс, ки ҳоло ҳам бар қишлоқҳо аблаҳони афсункор мавқеи маҳдуди муайян, вале муассири худро ишғол карда меоянд.

Модарҷон!

Бовар кунед, ки ҳанӯз аз шумо чизеро пинҳон надоштаям ва азм дорам, ки дар оянда ҳам пинҳон накунам. Дар шаҳр зан гирифтани ман - тӯҳмати беасос буда, оқибати он ҷуз хандаи оқилона чизеро намепазирад... Ман ҳанӯз аскари мубориз барои иҷрои мақсаду мароми муштараки шумо ва аҷдодони гузаштаам, мебошам. Ҳаргиз наметавонам фаромӯш созам, ки шумо мегуфтед: “Писарам, Фозилҷон, калон шавӣ, мактаби миёнаро тамом карда, дар мактаби олӣ хонӣ... Охир, аз хонаводаи мо ҳам маълумоти олидор барояд! Ин суханони шумо дар мағз-андар мағзи устухонҳоям ҷо гирифтаанд.

Дар хотир дорам, ки баъди ба университет дохил шуданам гуфта будед: “Дар авлод-авлодамон ту аввалин кас шуда дар мадрасаи олитарин таҳсил карда истодаӣ. Хондан дар мадраса - орзуи бобою бобокалонҳоят буд. Фақат ту тавонистӣ дар ин даврон ин орзуро фатҳ кунӣ!”.

Магар иҷрои ин орзуи муқаддаси модар ва аҷдодон бароям шарафи фарзандӣ нест?! Магар ман аз ин орзу каҷ рафта метавонам?! Не, ҳаргиз! Дар мактаби олӣ хондан, баъди таҳсил хизмати халқу ватан-модарро иҷро намудан-бароям чун ҷавонони советӣ мақсади олист. Каҷ рафтан дар роҳи иҷрои ин мақсад - на кори ҷавонони советист... Дуруст аст, ки ман ҳоло дохил шуда, таҳсилро давом дода истодаам. Лекин бо ин орзу иҷро нашудааст, балки дари он акнун ба рӯям воз шудааст. Ҳоло корҳо дар пешанд...

Модарҷон! бовар кунед, ки ман ҳоло зан нагирифтаам, гирифтан он тараф истад, ҳоло ҳатто дар ин бора фикр кам накардаям.

Модарҷон!

Шумо маро айбдор мекунед, ки мактуб нанавишта мондаам. Инро рад кардан мумтанеъ аст, чунки тақрибан рост аст. Сабабҳояшро ҷустуҷӯ кунон худи шумо навиштаед: “туро занат саргарми худ сохта, аз моён дилхунук кардааст”. Инро ҳукми тасдиқ кардан на кори иродаи солим аст. Зеро асос надорад, ҳатто хандаовар аст...

Мебахшед модарҷон, ҳақиқатан ҳам вақтҳои охир кам мактуб навиштаам. Охир, вақт танг аст! Имтиҳонот! Барои сархорӣ вақт намерасад. Ҳамин рӯзҳо фақат панҷ соатӣ хоб мекунем... Агар вазифаи мо хондан бошад - бояд хонем, хондан таълиму илму одоб гирифтан - на дар сухан, балки дар амал - ба маънои пурраи ҳамин ибора.

Хулласи гап ҳамин, ки шумо ба гапҳои сафсата бовар накунед, барои хонадоршавии ман ташвиш накашед, тараддуд ҳам накунед. Фақат донед, ки фарзанди шумо мисли даҳҳо дигар фарзандони мамлакатамон дар пойтахти кишвари тоҷик, дар дорулфунуни давлатӣ таҳсил карда истодааст. Вай бешубҳа орзуҳои деринаро бо камоли шарафмандӣ ба иҷро мерасонад..

Хайр, модарҷон, суханро кӯтоҳ мекунам, вақт танг аст. То дидана. Дастатонро мебӯсам.

*Бо саломи самимӣ: писаратон Фозилҷон. Сталинобод, Университет.*

***Р. Носир.***